# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна дар мавзуи «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.**

Дар забоншиносии тоҷик оид ба масъалаи таҳлилу баррасии ҷанбаҳои гуногуни ҷумлаҳои пайрав, усулҳои корбурди онҳо дар осори насрию назмӣ, нақш ва мақому мавқеи чунин захираҳои наҳвии забон пажуҳишҳои илмии ҷолибе таълиф шудаанд, вале масъалаи мавриди баҳсро наметавон бо анҷом дода шудани ин гуна асарҳо ҳалшуда ва итмомёфта ҳисоб кард. То ҳол доир ба хусусиятҳои зуҳури ҷумлаҳои пайрав дар кулли даврони инкишофи забони адабии тоҷикӣ, доираи маънояшон ва монанди инҳо муаммоҳои алоҳида ҷой дошта, интизори таҳлилу таҳқиқанд. Диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна ба яке аз ҳамин гуна масъалаҳо – сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ бахшида шудааст, ки саривақтӣ ва қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Пажуҳиш аз **муқаддима**, **се боб**, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** муаллиф доир ба мубрам будани мавзуи пажуҳиш, дараҷаи ҳаллу фаслгардии он дар забоншиносии тоҷик, мақсаду вазифаҳо, асосҳои назариву методологии он, сарчашмаҳои пажуҳиш ва нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариву амалӣ, навгониҳо, саҳми шахсии довталаб, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ назаршро ба таври илмӣ баён кардааст.

**Боби якуми** диссертасияи мавриди тақриз, ки **«Масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик»** ном дорад, фарогири 4 фасл буда, дар онҳо довталаби дараҷаи илмӣ оид ба ковишу тадқиқотҳое, ки аз ҷониби забоншиносони ватаниву хориҷӣ доир ба масъалаҳои назарии сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик, давраҳои омӯзиши масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик ва меъёрҳои таснифоти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ сурат гирифтааст, мулоҳизаронӣ кардааст.

**Боби дуюми диссертатсия**, ки мавсум ба **«Сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва дар забони адабии тоҷикӣ»** мебошад, фарогири панҷ фасл буда, диссертант дар чунин бахшҳо кӯшидааст, ки роҷеъ ба баъзе масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва, ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда, ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави пуркунанда, ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави мубтадо ва ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави хабар маълумоти судманди қобили мулоҳизаеро ироа созад.

Довталаби дараҷаи илмӣ назари худро ба гунаи зерин нисбат ба масъалаи дар ин боб баррасшуда хеле равшан ва мушаххас баён намудааст: «Ба андешаи мо, тобиши маънои синтаксисии ҷумлаҳои пайрав аз ҳодисаи

сермаъноӣ сар мезанад ва ба омилҳо ва воситаҳои муқарраршудаи наҳвӣ асос ёфтааст, аммо дараҷаи зоҳиршавии ифодаи маъноро дар ҷумлаҳои пайрав на тобиши маънои синтаксисӣ, балки тобиши семантикӣ гуфтан дуруст мебуд. Албатта, мо намегӯем, ки овардани ин тобишҳои маъноӣ нодурустанд, аммо онҳоро аз ҳам фарқ ва ҷудо намудан лозим аст» (Автореферат. саҳ.23).

**Боби сеюми диссертатсия «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрави дуузва»** шомили ёздаҳ фасл аст ва дар онҳо муаллифи рисола оид ба омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забоншиносии тоҷик, ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави ҳоли тарзи амал, ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа, ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави монандӣ, ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави сабаб, ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави мақсад, ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон, ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави макон, ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави шарт, ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави хилоф, ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави натиҷа ва ғайра маълумоти ҷолибу назаррасро матраҳ кардааст. Назари муҳаққиқ дар мавриди тобиши монандӣ дар ҷумлаҳои пайрави натиҷа, қобили таваҷҷуҳ аст: «Ҳамчунин дар ҷумлаи пайрави натиҷа тобишҳои маъноии замон, тарзи амал, миқдору дараҷа, сабаб, мақсад ба мушоҳида мерасад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар хусуси ҷумлаи пайрави натиҷа дар байни наҳвшиносон баҳсҳои тулонӣ сурат гирифтааст. Мушоҳида ва таҳлилҳои мо нишон медиҳанд, ки дар бисёр мавридҳо онҳоро бо ҷумлаҳои пайрави дигар, ки аслан тобиши маъноии иловагӣ дар худи ҷумлаҳои пайрави натиҷа ҳастанд, омехта мекунанд. Маҳз, ҳамин ҷиҳат омӯзиш ва таҳқиқи ҳаматарафаи ҷумлаи пайрави натиҷаро талаб менамояд» (Автореферат. саҳ.41).

**Хулосаи диссертатсия** дар 22 банд тадвин шуда, муҳимтарин бардоштҳои муаллиф дар онҳо нишон дода шудаанд.

Ҳамзамон бо дастовардҳои назаррас дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар расиданд, ки ба шакли эрод баён мегарданд:

1. Қисмати **«Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ»** (с. 12) хеле фишурда аст, ҳарчанд пажуҳиш кори мукаммалу мушаххаси анҷомшуда мебошад;
2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоиву китобат (с.7, 12, 21, 28 , 30,32, 35, 46 ) ба назар расид.
3. Дар мавридҳои алоҳида баъзан мисолҳои зиёд оварда шудааст (с.33, 34, 37, 38, 40).

Хулоса, пажуҳиши илмии Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна кори мустақилона анҷомдодашуда маҳсуб ёфта, дорои аҳаммияти назариву амалист, он баҳри ошкоргардии таъриху таҳаввул ва доираи маънову вазифаҳои ҷумлаҳои пайрав мусоидат хоҳад кард.

Диссертатсияи М.А. Абдураҳмонова бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз

рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ таъйин шудаанд, мувофиқат мекунад.

Диссертант аз рӯйи мавзуи таҳқиқоташ дар маҷмуъ 28 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз он 15 ададашон дар саҳифаҳои маҷаллаву маҷмуаҳои илмии дар феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ФР вуҷуддошта интишор шуда, мазмуни кори илмиашро пурра инъикос кардаанд.

Бо ҳамин тартиб, автореферати диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, мутобиқи таҳқиқоти илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони тоҷикии
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Қӯрғонов З. Д.

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи19,
хонаи 9, ҳуҷраи 17.
Тел: (+992) 92 840 11 65
E-mail: suhanvar1983@mail.ru

**Имзои доктори илмҳои филологӣ, дотсент**
**Қӯрғонов Зоҳид Деҳқоновичро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Сайдуллозода З.С.

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.
Тамос: (+992) 928057007
E-mail: zarrina_14.10.70@mail.ru
Сомона: www.hgu.tj
29 сентябри соли 2025